Н А Ш Р И Ё Т И « А Д И Б »



**ОДИНА НУРИДДИН**

# ҲАРФИ ДИЛ

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5
О-60

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

О-60 **Одина Нуриддин. Ҳарфи дил** *(маҷмӯаи шеърҳо)*.
– Душанбе, «Адиб», 2016, 64 саҳ.

«Ҳарфи дил»-и Одина Нуриддин аз меҳри Ватан, шавқи меҳнату ободии диёр, лаззати ишқу сӯзи ҳиҷрон ҳикоят карда, хонандаро ба вафодориву худшиносӣ ҳидоят менамояд.

ISBN 978-99947-2-422-2

© Нашриёти «Адиб», 2016

# ШУКРОНА

Шукр гӯям гардиши айёмро,
Суннати марди накуфарҷомро.
Қудрати дастони деҳқони асил
Мекунад як рӯз ширин комро.

Бахт механдад ба рӯи халқи ман,
Ханда дорад халқи ман дар анҷуман.
З-он ки ӯро субҳи шодӣ бардамид,
Ёфт истиқлолу ободӣ Ватан.

Шукри ту, эй Тоҷикистон – кишварам,
Дар самои бахт рахшон ахтарам.
Сад ҳазорон шукри қисмат мекунам,
З-он ки аз ту то фалак соядсарам.

## МАДАДГОР

Ман ба ҷон хоҳам ривоҷи кишварам,
Давлати пояндаву бахтоварам.

Ҳар ки меҳнат мекунад дар ин диёр,
Мешавад як рӯз соҳибифтихор.

Мекунам хизмат ба халқи хештан,
Чунки меҳнат рӯҳ мебахшад ба ман.

Баски кори хайр осори ман аст,
Давлатам доим мададгори ман аст.

## ШАҲРИ МАН

Ҳеҷ шаҳре ман надидам дар ҷаҳон,
Чун туе озодаву зебодиёр.
Шир-шири оби равони ҷӯйбор
Мерасад бар гӯш чун савти ҳазор.

Гарчи хурдӣ лек бошӣ пуршукӯҳ,
Боғу роғу кӯчаҳоят дилбаранд.
Қад кашида хонаҳои нав ба нав,
Бо ҷилову ҳусни худ дил мебаранд.

Дар миёни кӯҳу талҳо, шаҳри ман,
Дилкушову ҳусни даврон гаштаӣ.
Бо накӯфарзандҳои хештан
Обрӯи Тоҷикистон гаштаӣ.

Ҳеҷ шаҳре ман надидам дар ҷаҳон,
Чун ту шаҳри дилрабою номдор.
Бо раҳи бигзаштаву фардои хеш
Ҷовидонӣ дар китоби рӯзгор.

*ш. Кӯлоб, соли 2007.*

## ИШҚИ ВАТАН

Ман барои ҳар кафи хоки Ватан ҷон медиҳам,
Тан чӣ бошад? Ҷон барои Тоҷикистон медиҳам.
Тоҷикистон нусхаи он Оли Сомони ман аст,
Шуҳраи онро ба олам боз сомон медиҳам.
Гар шавад лозим ба халқаш хидмате гӯям, ки ман
Ҳар чи хоҳанд, аз муҳаббат баҳрашон он медиҳам.
Баҳри ҳифзаш бо талошу заҳмати пайвастаам
Ҷонфидоиҳо намуда, файзу эҳсон медиҳам.
Хонаи ободи мо мисли гулистон гаштааст,
Ҷону танро баҳри ҳифзи ин гулистон медиҳам.
Тоҷикистон, эй Ватан, эй кишвари зебои ман,
Шуҳрату номи туро дар даҳр ҷавлон медиҳам.

# НАДОРАМ

«Ман ёр надорам, ғами ағёр надорам»,
Дар ҷодаи ҳастӣ алами ёр надорам.
Як умр пайи илму пайи хонишу таълим,
Парвои либосу сару дастор надорам.
Афтода манам дар сари даргоҳи Гуландом,
Дар пеши дараш қуввати гуфтор надорам.
Гар бод вазад, накҳаташ орад ба димоғам,
Ҷуз дидани ӯ моли харидор надорам.
Бемор шудам дар ҳаваси дидани рӯяш,
Пешам, ки чу бошад, дили афгор надорам.

## ВАТАН

Кишвари маҳбубу зебоманзарам,
Пойдору устуворӣ дар ҷаҳон.
Қувваи эъҷозкори мардумат
Рӯҳи нав бахшид бар пиру ҷавон.
Зиндаю поянда бошӣ, эй Ватан.
Маскани бахту саодат, илму фан.
Гаштаӣ сарсабзу зебо чун чаман,
Шод аз ту пиру барно– марду зан.

## ТОҶИКИСТОНАМ

Тоҷикистонам
Зебо диёр аст.
Бар мо чу модар
Ӯ ғамгусор аст.

Андар бари худ
Парвард моро,
Машҳури олам
Ӯ кард моро.

Ҳар мушти хокаш
Бо зар баробар,
Машҳур номаш
Дар баҳру дар бар.

Ин мулки зебо
Акнун шукуфон,
Сарсабзу хуррам
Бин, Тоҷикистон.

# ШАҲРИ КӮЛОБ

*Ба муносибати 2700 – солагии*
*шаҳри Кӯлоб*

Аҷаб зебо шудастӣ, шаҳри Кӯлоб,
Ба дилҳо ҷо шудастӣ, шаҳри Кӯлоб.
Туро имрӯз ҳар кас дида гӯяд:
Биҳиштосо шудастӣ, шаҳри Кӯлоб.

Ту шаҳри ишқу ному нангу номус,
Ту бо бигзаштаи худ ҳамчу қомус.
Басо сар бохта фарзандҳоят
Алайҳи хасми хуношому манҳус.

Аҷоиб қиссаҳои соз дорӣ,
Ҳазорон саргузашту роз дорӣ.
Алайҳи душмани бадхоҳу хунхор
Ҷавонмардони чун шаҳбоз дорӣ.

Тамоми умр ман васфи ту созам,
Аё гулшаҳри поку дилнавозам.
Ҳақиқатро ба мардум боядам гуфт,
Зи ҳақ гуфтан ҳамеша сарфарозам.

Ту андар ҷодаи таърихи пешин
Будӣ соҳибзафар бо хасми пуркин.
Сарат хам пеши Искандар накардӣ,
Ба туркону арабҳо, Чину Мочин.

Кунун дорӣ шукуҳу шаъну шуҳрат,
Аё эй шаҳри пур аз фатҳу нусрат.
Пайи ободии фардои некат
Намоям сарф азму ҷаҳду қудрат.

## ПАДАР

Падар дар зиндагӣ ганҷи равон аст,
Писар ӯро умеду номбардор.
Зи иқболаш ҳамеша шодмон аст,
Ҷавонии абад ӯро бувад ёр.

Нарӯидаст бе мому падар ҳеҷ,-
Ҳамегӯянд ҳар кас андар олам,
Вале фарзанди бетавфиқ доим
Бувад андар пайи озори одам.

Набудам ҳеҷ гаҳ з-ашхоси мардуд,
Напарвардам ба сар фикри бадеро.
Падар аз даст шуд айёми пайкор,
Агар мондем бекас, дар ба дар мо.

Замони ҷанг – айёми пурошӯб
Калону хурд будӣ ҷумла дилтанг.
Бимондам бе падар, бо модари худ,
Мани озурдадил аз давраи ҷанг.

Маро бо сад азобу ранҷу заҳмат,
Калон бинмуд мушфиқ модари ман.
– Туро ояд падар аз ҷанг рӯзе,
Писар, – мегуфт он ғампарвари ман.

Аз он айёми ҷанги хонумонсӯз
Агарчи солҳо аз сар гузашта.
Дареғо, дар фироқу интизорӣ
Зи дори зиндагӣ модар гузашта.

## МОДАРИ МАН

Чунон маҳбуб ҳастӣ, модари ман,
Сутуни хонаву бому дари ман.
Бибӯсам хоки поятро ҳамеша
Бувад аз меҳри ту боло сари ман.

Басо дилҷӯву зебоӣ ту, модар,
Ҳамеша зеби дунёӣ ту, модар.
Ҷаҳони тифлакони хештанро
Чу Шамси оламороӣ ту, модар.

Набинам гар туро, эй меҳрубонам,
Ҷаҳон гардад сияҳ бар дидагонам.
Ту ҷони ман, ҷаҳони ман, ҳаётам,
Ту бахти ман, фурӯғи ошёнам.

Саҳаргоҳон бараояд меҳри Ховар,
Ҷаҳон пурнур мегардад саросар.
Зи файзи ҷонфизояш боғу бӯстон
Бигардад пурсафову поку дилбар.

Ту ҳам, эй модари маҳбубу дилбанд,
Мисоли моҳтоби баҳри фарзанд.
Нумӯи нахли умру бахтам аз туст,
Бидорам хотиратро пос, савганд!

# МОДАР

Азизу меҳрубон ҳастӣ бароям,
Фурӯғи дидагон ҳастӣ бароям.
Мисоли Офтоби оламоро
Ту умре ҷовидон ҳастӣ бароям.
Зи ту сарчашма гирад зиндагонӣ,
Ҷавонии ҷаҳон ҳастӣ бароям.
Зи меҳрат олами дилҳо мунаввар,
Ба тан монанди ҷон ҳастӣ бароям.
Маро ин сарфарозӣ аз ту бошад,
Сари сабзи ҷаҳон ҳастӣ бароям.

# МОДАРАМ

Навбаҳори гулфишони дилкушоям, модарам,
Қуввати ҷону дилу ақли расоям, модарам.

Ман зи лутфи беканори ту расидам бар камол,
Меҳри ту дар синаам асло намеёбад завол.

Ҳар куҷое мефахрам месозам, ки фарзанди туям,
Модари маҳбуби ман, охир ҷигарбанди туям.

Хомаи ман васфи меҳрат менамояд то абад,
Мерасад бар гӯши ҷони ман садоят то абад.

Шукри қисмат мекунам аз он, ки фарзанди туям,
Як нишони умри ту, як умр дилбанди туям.

*ш.Кӯлоб, соли 1996*

# ЁРОНИ БОҲИММАТ

Аё, эй модари дилсӯзу ғамхор,
Нигаҳдорат Худованди мададгор.
Маро фардо бикун аз хоб бедор,
Зи хоби хуш пагаҳтар, то равам кор.

Яқинан бармаҳал рафтан ба саҳро
Барору файзи нав оварда бар мо.
Ҳавои субҳи рахшону дилоро
Барори кор бошад андар он ҷо.

Ҳаловатбахш боди субҳи кишвар
Навозиш менамояд рӯҳи одам.
Чу гардад табъи кас хуш аз пагоҳӣ,
Тамоми рӯз гардад шоду хуррам.

Ҳама наҳсиву нуқсу фисқу фосид,
Ҳама ноомадию омади кор,
Илоҷи дардмандӣ дар тани кас
Шавад пайдо зи форам боди Фархор.

Ҳаме бояд равам бар кор, модар,
Раҳамро ёр он ҷо интизор аст.
Миёни ҳалқаи ёрони ҷонӣ,
Маро ин зиндагӣ мисли баҳор аст.

Ҳама он ҷо ба ҳам ёру бародар,
Ба душворӣ барои ҳам мададгор.
Агар як дам ҷудо гардам зи ёрон,
Яқин донам, ки рӯзе мешавам хор.

Чунин ёрони дилсӯзу баҳиммат,
Ба дунё ҳар куҷо бисёр бошанд.
Муҳаббат дар дили онҳо падидор,
Пайи ёрӣ ҳама тайёр бошанд…

# СОЛИ НАВ

Соли нав омад ба ҳар хонадон,
Бахти нав овард бар пиру ҷавон.
Эй рафиқи нағмахон,
Мутриби роҳат ба ҷон.
Тори наво бо дили мо ҷӯр кун,
Маҳфили моро биё, масрур кун.
Бо садои таблаку овои най
Ғулғулафкан нағмаи танбӯр кун.
Дидаӣ таъми қурутобу фатир?
Гар надидӣ, пеш биё, зӯр кун.
То ки даме шодиву роҳат кунем,
Шукри ҳамин лаҳзаи қимат кунем.
Баъди ду-се рӯз биояд баҳор,
Боз шавем ҳар яке саргарми кор.

## НАВРӮЗ

Омад зи кӯҳу ёна,
Бо нағмаю торона,
Гулбезу анбарафшон,
Наврӯзи пурфасона.

Аз нав бубин, табиат
Ҳусни дигар гирифта,
Рангинкамони зебо
Кӯҳу камар гирифта.

Мардум ба шодмонӣ,
Дар тан қабои зебо.
Масти баҳори дилҷӯ,
Шайдои ҳусни дунё.

Ваҳ-ваҳ чи хубу зебо,
Бишкуфтаанд гулҳо.
Рангобаранг ҳар ҷо,
Дар дашту кӯҳу саҳро.

Ҳар дам насими форам
Аз дил ҳамебарад кин.
Хушҳол мешавад кас
Аз накҳати раёҳин.

Иди баҳору Наврӯз,
Фархунда бод, ёрон.
Шодӣ насибатон бод,
Дар кишвари шукуфон!

## ХАЁЛИ ИШҚ

Бо хаёли ишқат, эй ҷон, беқарорам кардаӣ,
Сӯи фардои дурахшон раҳсипорам кардаӣ.
Меравам дар шоҳроҳи зиндагонӣ бо умед,
Ишқу меҳру орзуятро нисорам кардаӣ.
Зиндагиро дар муҳаббат дидаам ман пойдор,
Дар раҳи меҳру вафо овозадорам кардаӣ.

## ФАХРИ ЗАМОН

Ту гулро бубин,
Булбулро бубин,
Дар саҳни чаман
Ғулғулро бубин.

Ҳар ду баробар,
Чун Шамсу Қамар,
Доранд ҷавлон
Дар саҳни кишвар.

Ҳар ду чӣ зебо!
Ҳарду чӣ барно!
Имрӯз ҳар ду
Машҳури дунё.

Вирди забонанд.
Фахри замонанд.
Бар халқи тоҷик
Хизмат расонданд.

# НАСИҲАТИ ПАДАР

Гуфт як рӯзе ба сӯи ман падар:
– Нури чашмонам, даме бар ман нигар.
Дон, ки зан бошад бақои зиндагӣ,
Шамъи рахшоне ба роҳи зиндагӣ.
Дар муҳаббат устувор аст он қадар,
Хонадон аз ӯ шавад поядатар.
Меҳрубону ғамбарори шавҳар аст,
Ҷонфидою ғамгусори шавҳар аст.
Дар ҳаёт ӯ меҳрубону дилрабо,
Бошарофат, босадоқат, бовафо!
Лек сад афсӯс гоҳо байни мо
Мешавад пайдо занони беҳаё.
Булҳавас, нопоку бесидқу вафо,
Ҳар яке бар «ишқи дайду» мубтало.
Он ки гӯӣ зуд пайдо мешаванд,
Дар раҳи як кола шайдо мешаванд.
Покдоман неву аз одоб дур,
Дил шавад аз ранги онҳо беҳузур.
Зуд тарки шавҳар мекунанд,
Сидқи худро садқаи «зар» мекунанд.
Аз раҳи ахлоқ берун мераванд.
Танфурӯше аз раҳи дун мераванд.
-Гуфт бар ман: – Эй писар, андеша кун,
Аз барои худ накӯӣ пеша кун.

Ақли худро кор фармо баъд аз ин,
Неку бадро фарқ бинмо баъд аз ин.
Зан агар хуб аст, ҷони шавҳар аст,
Бад агар бошад мисоли наштар аст.
Ҳар зани бад оқибат расво шавад,
Бедару бехонаву беҷо шавад.
Ин бувад панди ниёгон, эй писар,
Ҳеҷ гаҳ инро ту аз хотир мабар.

## АЗОБИ ДИЛ

Дил кашад бори азоби зиндагӣ,
Чун кунад, бечора, гар шумрӯ[1] бувад.
Ҳар тараф гардад, ҳамебинад фишор
Аз бадандеше, ки худ бадхӯ бувад.

Дил надида роҳатеву ҳоли беҳ,
Мекашад ранҷу азоби бешумор.
Сарфароз аз ҷабҳа меояд бадар
Ҳамчу сарбоз аз миёни корзор.

Бегунаҳ бадному нафринаш кунанд,
Ҳар куҷо хоҳанд, назди сарварон.
Ҳарфи инсоф аз миён афтодааст,
Дилҳазин гоҳо кунандаш дилбарон.

Бадгумон, ноодамони дилсиёҳ,
Зишткорони ҳарису бешараф,
Аз пайи худхоҳиву озори дил
Мекашанд соҳибдилонро ҳар тараф.

Гум бигардад номашон, эй кошкӣ,
Аз миёни ҷумла халқи покдил.
Бо фароғат кошки гирад нафас,
Бадгуҳарҳоро намесозад биҳил.

---

[1] Шумрӯ- бечора, бадбахт, саргашта

## СУРОҒ

Дар суроғи хонаат ман рафтаам
Борҳо бар кӯчаҳои бастасар.
То ки дарёбам туро, эй моҳи ман,
Бурдаам бас шомҳоро то саҳар.

Гашта шайдо ин дили ошуфтаам
Дар суроғи хонаи ту, номи ту.
Кош донӣ, ёри бепарвои ман,
Сӯхтам аз ваъдаҳои хоми ту.

Ишқи ту дорад аҷаб шӯру шарар
Мекунад бунёди ҷонамро хароб.
Шукри ишқат мекунам дар зиндагӣ,
Гарчи месозад тану ҷонам хароб.

Оқибат, эй ёри бепарвои ман,
Хуб шуд, ки ёфтам маъвои ту.
Баъд аз ин ҳар лаҳза ошиқ мешавам,
Баъд аз инам ҳар нафас шайдои ту.

## ТАСАЛЛО

Ҳамон рӯзе туро дидам ба ногаҳ,
Зи рози ҳамдигар гаштем огаҳ.
Ба ту додам дили худрову аммо
Туро дар дил набудӣ меҳр, эй маҳ!

Гуле будӣ, гули бехор будӣ,
Ба қисмат ҳамшарики ёр гаштӣ.
Вале охир чӣ шуд бар ту, нигоро,
Гирифтори ғами бисёр гаштӣ?!

Надонам аз чӣ бошад, ҳар кучое
Намоӣ шикваҳо афгор гашта.
Ба андӯҳу ғаму дарду аламҳо
Чаро охир ҳазину зор гашта.

Бирав, охир ту ҳам андеша бинмо,
Набошад зиндагӣ танҳо ғаму дард.
Расад рӯзе баҳори орзуят,
Манол аз қисмати сарсону номард.

Ту ки ҳоло базебу нозанинӣ,
Шавӣ рӯзе саодатманди дунё.
Ба ту бахту барори тоза хоҳам
Дар ин дунёи сар то по муаммо.

Машав ғамгину дилозурда охир,
Ки дунё нест ҷои ноумедӣ.
Машав озурдаи шоми ҳазинаш,
Ки поёни шабаш дорад сафедӣ.

## РОҲИ ВАФО
*(суруд)*

Он олиҳаи чун моҳ
Хоҳад, ки шавад огоҳ
Аз ҳоли дилам ҳар гоҳ,
Бигзор, маро санҷад,
Дилдор намеранҷад.

Гар баҳри дуруд ояд,
Бо рақсу суруд ояд,
Зуҳра ба суҷуд ояд,
Бигзор, маро санҷад,
Дилдор намеранҷад.

Он дилбари хандонам,
Маҳтоби дурахшонам,
Дармони дилу ҷонам,
Бигзор, маро санҷад,
Дилдор намеранҷад.

Ман волаи рухсораш,
Сармаст зи гуфтораш,
Як умр харидораш,
Бигзор, маро санҷад,
Дилдор намеранҷад.

Аз меҳр кунам изҳор,
Мақсуди дилам бо ёр,
Дар роҳи вафо ҳар бор
Бигзор, маро санҷад,
Дилдор намеранҷад.

## БЕВАФО

Қалам бар даст биншинам лаби ҷӯ,
Ба ёди он парирӯи сияҳмӯ.
Гузашти оби дарё ёдам орад
Замони ошиқиву ёри хушрӯ.

Ҳамегуфтам маро девона кардӣ,
Худат шамъу маро парвона кардӣ.
Ту ҳуррӣ ё парӣ, ё сеҳру ҷоду?
Даруни қалби покам хона кардӣ.

Кашидам ман ғаму андӯҳу озор,
Ба доми ошиқӣ гаштам гирифтор.
«Бирафтию дигар ёдам накардӣ»,
Ману ёди туву ғамҳои бисёр.

## САРФАРОЗӢ

Он дилбари дилшод ба паҳлӯи ман омад,
Монандаи маъшуқаи дилҷӯи ман омад.
Лабрез шуд аз шаҳди фараҳ ин дили пурмеҳр,
Наврӯзи дилафрӯз, бубин, сӯи ман омад.
Садбаргу сияҳгӯшу бунафша-ҳама гулҳо,
Бигрифту ба сад замзама то кӯи ман омад.
Аз сабзаву гул кӯҳу даман рӯҳфизо шуд,
Ваҳ-ваҳ, чи хуш, ин дилбари хушрӯи ман омад.
Одина, сароем, биё, васфи ҷавонӣ,
Маҳбубаи дилдодаву гулрӯи ман омад.

## ДИЛБАРИ ТАННОЗ

Дилбари танноз тарки ёр кард,
Доғи ҳиҷри хеш бар мо бор кард.
Худ намедонам маҳи тобони кист,
Бовафо дар аҳду дар паймони кист.
Дар раҳи ӯ дидагонам интизор,
Чашми ӯ оинаи рахшони кист?
Меравад аз назди ман бегонавор,
Бо матои ҳусн дар дӯкони кист?
Қадри худро ӯ намедонад магар?
Маҷлисорои куҷою хони кист?
Бевафоӣ нест дар бунёди ман,
Худ надонам он парӣ пазмони кист?
Бигзарам аз баҳри ҷони хештан,
Аз куҷо донам, ки ӯ ҷонони кист.

## ГУЛБАҲОР

*(Барои духтарчаам Гулбаҳор)*

«Ҷӯҷаяки кабки дарӣ Гулбаҳор,
Духтаракам, тӯҳфаи фасли баҳор»[1].
Бод дароз умри ту аз сад зиёд,
Дар чамани фасли гулу лолазор.
Ҳеҷ набинад саракат дардро,
Ҳам тану ҷонат, гулакам, Гулбаҳор…

[1] Аз устод Ғаффор Мирзо

## ЛАФЗИ МОДАРӢ

Пайванди ҷонӣ,
Ширинзабонӣ.
Эй лафзи модар,
Поку равонӣ.

Ин қадр зебост,
Ин қадр фаҳмост,
Ҳар байту ҳарфат
Бе нуқсу барҷост.

Ҷонам фидоят,
Эй олами панд.
Ҳастӣ бароям
Ширинтар аз қанд.

## ЧЕВАРИ БАҲОР

Духтари зебои сол,
Чевари фасли баҳор.
Чодари рангин бидӯз
Дар тани сабзи диёр.

Аз қадамат гул кунад
Пуштаву кӯҳу даман.
Мардуми ховарзамин
Шодӣ кунад дар Ватан.

Бар талу саҳро бубин,
Кишт кунад барзгар.
Абри гузар раҳ ба раҳ
Боз бирезад гуҳар.

Мутриби ширинадо
Майли чаман мекунад.
Хору гулу ғунчаҳо
Шукри Ватан мекунад.

## ЁРЕ БУД МАРО

Як ёри азизу меҳрубон буд маро,
Ғамхору шукуҳи хонадон буд маро.
Бо ишқу вафои ҳамдигар зинда будем,
Лабхандаи ӯ бахти ҷаҳон буд маро.

Чашми кӣ расид, меҳри ӯ сард бишуд,
Ҳар қаҳ-қаҳа оҳу нолаву дард бишуд.
Рӯзе ки миёни мо ҷудоӣ афтод
Нахли ҳавасу умеди мо зард бишуд.

Бадхоҳ яқин кашад ғаму дарду бало,
Монад ба фироқу бинад ӯ рӯзи сиёҳ.
То умр бувад, дуои ҷонаш бикунам,
Мисли ману дилбарам шавад зиндаҷудо.

# ҒАЗАЛ

Ҷононаи ман дӯш ба паҳлӯи ман омад,
Дилдодаю маҳбубаи дилҷӯи ман омад.
Аз файзи қудумаш чу гули боғ шукуфтам,
Монандаи наврӯзи навин сӯи ман омад.
Барҷастаму чун хоки кафи пош шудам ман,
Аз тарфи чаман мурғи сухангӯи ман омад.
Бо ёр бинозему дафу чанг навозем,
Дил шод шавад, дилбари хушрӯи ман омад.
Бо наргиси хуммору сари зулфи парешон,
Бо муждаи неке ба сари кӯи ман омад.
Аз сабзаву гул тоза қабо дода заминро,
Пайке зи баҳору гулу қоқӯи ман омад.
Саршор намо, соқӣ ту сад ҷоми паёпай,
Чун гул бишавад чеҳра, ки гулрӯи ман омад.

## КИСТ?

Ман намедонам гули райҳони кист,
Чашми ӯ оинаи рахшони кист.
Он ки чун бегона гузашт аз барам,
Ҳусни даргоҳу дару айвони кист.
Бандаи ишқам, сириштам аз вафост,
Ман, надонам, бевафо султони кист.
Ваҳ, ки ту ҷо додияш дар мулки дил,
Пас бигӯ, Одина , ӯ ҷонони кист?

## БАДНИЯТ

Кош гум бошад ба ҳар ҷо зишткори бадният,
Медиҳад озори ҷонат нобакори бадният.
Дар назар хушчақчақу маккору хандон аст ӯ,
Лек бадхоҳист дар ҳар ҷо шиори бадният.
Аз паят ҳар вақт мегардад чу деви баднамо,
То зиёне бар ту орад боз боре бадният.
Менамояд ҷамъ умре дар канори хештан
Пайравону тӯдаи бешарму оре бадният.
Он қадар шогирду ҳамфикрон бигӯӣ,барзиёд,
Дорад ӯ дар бар ҳамеша, оре-оре, бадният.
Гар бигӯӣ: Нони худ оё ҳамеёбад ҳалол?
– Не, чунин асло магӯ, дон кору бори бадният.
Бош доим ҳар куҷо ҳушёр, то гап нашнавӣ,
Аз ягон ноҷӯр ҳарфат дар канори бадният.
Ӯ мудир асту дилаш ҳар он чӣ хоҳад, мекунад,
Гар нагирӣ ҳарфи ӯ, мурдӣ ба «дор»-и бадният.
Беҳтараш, ки пуштиашро гир дар ҳар ҷо мудом,
Дорад охир «Нақшаҳои бешуморе» бадният.
Пеши пои зишткорон сар набояд кард хам,
Ҳар ки донад, ҳаст охир шармсоре бадният.

# МАНМАНӢ

Дошт рӯзе давру даврон манманӣ,
Монда дандон зери дандон манманӣ.
Ман «фалонча» гуфта ҷоғаш мекушод,
Мардумеро карда ҳайрон манманӣ.

«Шефи шаҳрам ман», ҳамегӯяд мудом,
Боядо зӯрӣ кунам ҳар рӯзу шом.
Номи худ машҳур созам ончунон,
К-«офарин!» гӯянд ҳар ҷо хосу ом.

Бо чунин мағруриаш, бо валвала
Ӯ нишон медод зӯру ҳавсала.
То фалак овозаи ӯ рафт,рафт,
Гурги ғамҳо кард ҷонашро тала.

Сад гуноҳашро ба як дам ёфтанд
Одамони некхоҳи бузбала.
Дар балои манманӣ монд оқибат,
Пеши қонун лаб намесозад яла.

## ВАТАН
*(Дубайтиҳо)*

Дилу ҷонам фидои номи Меҳан,
Саҳар бошад бароям шоми Меҳан
Дар оғӯшаш намоям сарфарозӣ,
Ки ҳастам тифли ширинкоми Меҳан.

Ватан бошад бароям қуввати дил,
Мадору пуштибону сарвати дил.
Намоям шукри ҳар як зарра хокаш,
Насими форами он роҳати дил.

Ватан дармони дарди синаи ман.
Зиёбахшанда чун оинаи ман.
Чу ман доротаре асло набошад,
Ватан бошад, Ватан, ганҷинаи ман.

Ватан ободии кошонаи мо,
Чароғи нурбахши хонаи мо.
Ҳазорон шукри ин зебодиёрам,
Ки рангин гашта чун афсонаи мо.

Ба номаш зиндаю поянда ҳастам,
Шукуҳу шуҳрати оянда ҳастам.
Чу сарбозам барои ҳифзи хокаш,
Зи меҳри хоки покаш зинда ҳастам.

Барои мо Ватан ному нишон аст,
Чу модар ганҷи меҳраш ҷовидон аст.
Беҳин мероси аҷдодони рафта
Зи баҳри Тоҷикистони ҷавон аст.

Дилам бодо фидои номи Меҳан,
Саропо ман адои номи Меҳан.
Ҳазорон шукри обу хоки покаш,
Фидо ҷонам барои номи Меҳан.

Барои ҳифзи хокаш устуворам,
Пайи ободиаш саргарми корам.
Барои гарди хокаш мехӯрам ғам,
Бувад ин хок як рӯзе мазорам.

Ватан сарчашмаи иқболи одам,
Ватан аз некбахтӣ фоли одам.
Ба авҷи осмони орзуҳо
Бувад меҳри Ватан шаҳболи одам.

Маро беҳ аз Ватан ҳаргиз набошад,
Гулу боғу чаман ҳаргиз набошад.
Маро бе чашмасору гарди хокаш
Сафои ҷону тан ҳаргиз набошад.

Бинозам хоки поки ин Ватанро,
Гулафшону сафои ин чаманро.
Кунам шукронаи обу ҳавояш,
Ки бошад рӯҳафзо ҷону танро.

# СУЛҲ

Мекунад марди фидоие гузар
Аз миёни кӯчабоғи пурсамар.

То бубинад лолаҳои дилрабо,
Навҷавонон, духтарони маҳлиқо.

Бо муҳаббат рӯи хандони ҳама,
Шод гашта менамояд замзама:

Нест бодо рӯзи ғамгини писар,
Зинда бодо сулҳу авлоди башар !

# ТОҶИКИСТОНРО ГУЛИСТОН МЕКУНАМ

Тоҷикистони азизамро гулистон мекунам,
Аз талошу заҳмат онро боғу бӯстон мекунам.
З-он ки дар оғӯши гармаш ёфтам нашуънамо,
Хизматашро, ман ҳамеша, аз дилу ҷон мекунам.
То ки ҷон дорам ба тан дар роҳи ҳифзи хоки он,
Ҷонфишониҳо ба роҳи аҳду паймон мекунам.
Вусъати имкон агар морост дар саъйи абад,
Номи зебои варо машҳури даврон мекунам.
Тоҷикистон модари ғампарвари мо гаштааст,
Хоки онро тӯтиё бар чашму мижгон мекунам.
Резаи ҳар хоку сангаш ҳаст аз баҳрам азиз,
Синаро аз меҳри покаш равшанистон мекунам.

## ТОЛИБИ СУЛҲ

Мо барои сулҳу озодӣ ба дунё омадем,
На барои ҷангу хунрезӣ зи модар зодаем.
Зодаи сулҳу саодат, як дилу як тан ҳама,
Баҳри ҳифзаш бар алайҳи хасми он омодаем!

Мо барои ҷанг нанмудем азме ҳеҷ гоҳ,
З-ибтидо то интиҳо, эй зиштфитрат, ҷангхоҳ.
Мо намехоҳем зери осмони беғубор,
Кӯдаки маъсума аз мому падар гардад ҷудо.

Мо барои зиндагонии мудому дӯстӣ
Ҷаҳдҳо дорем дар оғӯши ин зебо Ватан.
Ҳамчу мо заҳматкаши ақсои олам, ин замон,
Сулҳ мехоҳад, ки бошад сархати ҳарфу сухан.

Мақсади мо ҷангхоҳӣ, ҷангҷӯӣ нест, нест!
Сулҳ мебошад шиори мо, на ҳарфи қатли ом,
Ҷанг лозим нест бар мо, нест лозим, нест, нест!
Мо нахоҳем инфиҷори бомбаву тӯпу атом!

Мардуми тоҷик адую бадният асло набуд,
Хонавайрон кардани касро ба дӯш нагрифта буд.
Халқи тоҷик сулҳхоҳу сулҳҷӯ аст аз азал,,
Ин маромашро ҳамеша пешаи худ менамуд.

# НАЗМИ ОЛАМГИР

*(Ба муносибати 100-солагии*
*зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон*
*устод Мирзо Турсунзода)*

Шоири маҳбуб, устоди сухан,
Эй хушо, ки додаӣ доди сухан.
Бар мисоли кӯҳҳои тоҷикон,
Кӯҳи назми туст машҳури ҷаҳон.
Шоири овозадори мулки ман,
Шаҳсутуни миллату шеъру сухан.
Сулҳу ваҳдат дар дилу ҷони ту буд,
Сарвати арзандаи шони ту буд.
Як нишон аз Оли Сомон будаӣ,
Офтоби илму ирфон будаӣ.
Тоҷикӣ, аз дудаи Сомониён,
Дар бузургӣ шуҳраи рӯи ҷаҳон.
Осиёю Африқоро карда ҷамъ,
Ҷонгудозӣ кардаӣ монанди шамъ.
Сулҳгӯён рафтӣ аз дунёи дун,
Ҷони худро ғуссаҳо додӣ фузун.
Шод бодо рӯҳат, эй устоди ман,
Ғамгусори кишвару халқи Ватан.
Ҳар куҷо Мирзои Турсунзода, ту
Пой мондӣ шоири озода ту.

Шоири овозадори тоҷикон,
Некфарзанди Ҳисори Шодмон.
Хоҳам ин ки бо камоли эҳтирам,
Бо муҳаббат бар ту гӯям ин калом:
Чун нишони нек аз тақдири ту
Монад умре назми оламгири ту.

## ҲЕҶ КАС БЕ АЙБ НЕСТ

Ҳеҷ кас дар умри худ беайб нест,
Ҳар касе дорад ба худ айбу гуноҳ.
Ту чаро лофу газофе мезанӣ
Гоҳ-гоҳе ҳар куҷоҳо дар паноҳ?

Гӯйё дар худ надорӣ ҳеҷ айб,
Моҳи тобони баландовозаӣ .
Гуйё ҳаргиз накардастӣ бадӣ,
Аз зару симу гуҳар ҳам тозаӣ.

Кошки бошад дурусту рост ин,
Мос як ҷо кор бо гуфтори ту.
Кош чун ахтар дурахшӣ дар само,
Раҳ мунаввар гардад аз анвори ту.

Лек, ҷоно, ҳеҷ аз хотир набар,
Гуфтаҳои оқилон бар ин гувоҳ:
-Ҳеҷ кас дар умри худ беайб нест,
Моҳ ҳам дорад ба худ доғи сиёҳ.

## СУРУДИ ПАХТАЧИН

Ҳар субҳ хандон меравам,
Шоду ғазалхон меравам.
Афканда бар ҳар сӯ нигоҳ,
Ман пахтазорон меравам.

Бишкуфт зебо пахтаҳо,
Бисёр хубу дилрабо.
Ҷонони ёвонӣ, биё,
Чинем бо ҳам пахта мо.

Азмам, ки меҳнат кардан аст,
Бисёр «тилло» чидан аст.
Ҳар пешсаф чинакчиро
Андар ҷадал санҷидан аст.

Пурзахм гарчи гаштааст
Дастони ман аз зарби кор.
Аз ҳосили корам мудом
Дорам нишоту ифтихор.

Меҳнат кунам бо ҷону тан,
То бишкуфад гул-гул Ватан.
Аз баҳри фардои Ватан
Маҳкам бувад паймони ман.

## БОҒБОНИ БОХИРАД

*(мазмун аз халқ)*

Буд оғози баҳори дилрабо,
Саркашида сабзаю себаргаҳо.
Дашту саҳро сар ба сар гулпӯш буд,
Қалби пиру навҷавон дар ҷӯш буд.
Мегузаштам аз бари боғи калон,
Мешинонд он ҷо ниҳоле боғбон.
Боғбонаш мӯсафеди пир буд,
Пири нурониву ботадбир буд.
Чун бидидам қудрату маъвои он,
Гуфтамаш аз сидқ, эй бобои ҷон:-
Баҳри чӣ ранҷу азобе мекашӣ,
Пир гаштӣ, ҳосилаш кай мечашӣ?
– Бачаҷонам, чун ту ман ҳам як замон,
Меваҳо хӯрдам зи ранҷи дигарон.
З-ин сабаб ҳам мешинонам навниҳол,
То хӯранд акнун дигарҳо бемалол.
Гуфт он пири накӯкор ин сухан,
Дар раҳи сарсабзии хоки Ватан.

## СУРУДИ МАН

Суруди ман, ҷаҳони ман,
Ҳаёти ҷовидони ман,
Навои булбулони ту
Баҳори бехазони ман,
Суруди ман, дуруди ман,
Ҳама буду набуди ман.

Фасонаи дилам туӣ,
Сафои манзилам туӣ.
Дар ин ҷаҳони даргузар
Бақову ҳосилам туӣ,
Суруди ман, дуруди ман,
Ҳама буду набуди ман.

Туӣ навою сози дил,
Ту шодиву гудози дил.
Нишони ишқи ман туӣ
Суруди рӯҳнавози дил,
Суруди ман, дуруди ман,
Ҳама буду набуди ман.

*Соли 1978, ш. Кӯлоб*

# СОҲИБИ КОШОНААМ

Рафтию боз омадӣ, эй шабчароғи хонаам,
Ёфтам аз нав ҷаҳони дилкаши афсонаам.
Аз қудумат ҳаҷру навмедиву ҳиҷронам гузашт,
Зиндагӣ такрор аз нав ёфт дар кошонаам.
Дар фироқат мечашидам заҳри навмедиву ғам,
Мекунам шукри ту акнун, гавҳари якдонаам.
Сӯз дорад, соз дорад ишқ, эй ороми ҷон,
Сӯзу созашро парастам бо ту, эй ҷононаам
То хабар ман ёфтам, умри ҷавониям гузашт,
Дар паноҳи меҳри ту андар сари паймонаам.
Ёд мекардам мудомат ҳар куҷо бо ҳукми дил,
Бо ту ман obод бошам,бе ту чун вайронаам.

# КИШВАРИ МАҲБУБ

Кишвари маҳбуби бепоёни ман,
Меҳри ту дар мағз-мағзи ҷони ман.
Пеши чашмам
Водиҳои зарнисорат,
Дилбарони гулузорат,
Кокулони чашмасорат дилкаш аст.
Кишвари маҳбуби ман,
Эй ки дар шебу фарози асрҳо дар хоки ту.
Баҳри ҳифзи хоку меҳри поки ту,
Сар ниҳода сарбаландӣ ёфтанд
Ҷумла фарзандони ту,
Қуллаи бахти туро бас кофтанд,
Аз сафои нури Истиқлол онро
Оқибат дарёфтанд.
Кишвари маҳбуби ман,
Мекунад партавфишонӣ
Парчами болобаландат,
Орзу дорам шукуфоиву сарсабзии
Кохи иқболу ҷалоли бегазандат.

## МУЛКИ ДУРАХШОН
*(суруд)*

Бар ту, эй мулки дурахшон, аз дилу ҷон ассалом,
Обрӯву шуҳрати ин давру даврон, ассалом.
Одамон ҳар субҳи содиқ сӯи саҳро мераванд,
То кунанд ичро плони хеш осон, ассалом.
Пахтаи тоҷик нишони меҳнати пурифтихор,
Тӯҳфаи идона бошад баҳри даврон, ассалом.
Парчами сулҳи Ватан бошад парафшон то абад,
Равнақу авҷу барори илму ирфон, ассалом.
Дӯст медорам туро ман, эй диёри нозанин,
Бо Хуҷанду Рашту Хатлону Зарафшон, ассалом.
Боз то гардад дурахшон ахтари иқболи ту
Ҳамчу гул бишкуфта бошӣ, Тоҷикистон, ассалом.

## КОРВОНИ ИШҚ

Корвони ишқи мо сӯи гулистон меравад,
Ҷониби сарманзили он сарви бӯстон меравад.
Аз матои ҳусн пероҳан ҳамедӯзад ба ноз,
Армуғони меҳр бар каф, назди ҷонон меравад.
Рӯзи наврӯз аст ёрон, гуларӯси навбаҳор
Аз Баҳорак сӯи Вахшу Суғду Хатлон меравад.
Ёри мо пазмон ҳамебошад ба дидори шариф,
Дил ба истиқболи ӯ шоду ғазалхон меравад.
То бубинад чеҳраи зебои ӯро бо ҳавас,
Чун гули фасли баҳору чеҳрахандон меравад.
Шеъри шоир ишқи сӯзону муҳаббатнома аст,
Бин, ки аз ҷон мекашад сар, пеши ҷонон меравад.

## СЕ РУБОӢ

Имрӯз хушо, ки навбаҳор омадааст,
Фасли фараҳу шукуфабор омадааст.
Аз накҳати себаргаву гулҳои чаман
Оҳанги хуши савти ҳазор омадааст.

Эй дӯст, биё, дӯст биё, ёдам кун,
Аз вартаи бекасӣ ту озодам кун
Дилгир дар ин кулбаи вайрона шудам,
Як дам ба барам нишину дилшодам кун.

Овард сабо бӯйи гули тозаву тар,
Аз домани пуштаҳову аз кӯҳу камар.
Чун Моҳ туӣ ба осмони ҳавасам,
Монандаи Хуршед ба ҳангоми саҳар.

# ДУБАЙТИҲО

Забони модарӣ ганҷи ҷаҳон аст,
Беҳин мероси мо аз модарон аст.
Бибояд пос онро дошт доим,
Ки ширинтар барои мо зи ҷон аст.

Забон андар даҳон чун кони ганҷ аст,
Якумрӣ кори ин шоиста ранҷ аст.
Маёло ҳеҷ онро бо дуруштӣ,
Чу ин кардӣ бароят кор ланҷ аст.

Баҳор омад, баҳори тозаву тар,
Зи гулҳояш ҷаҳоне шуд муаттар.
Хушо, бо дилбари ороми ҷоне
Раҳи фардои худ созӣ мунаввар.

Замину осмонро мепарастам,
Суруди ҷовидонро мепарастам.
Пайи сарсабзии авлоди одам
Баҳори бехазонро мепарастам.

Нигоро, хандаи ту як ҷаҳон аст,
Қади зебои ту сарви равон аст.
Лабат майгуну чашмони ту шаҳло,
Ҷаҳони орзуят бехазон аст.

Азизам, ман туро дар хоб дидам,
Рухат монандаи маҳтоб дидам.
Шудам бедор бо ёди гузашта,
Ду ҳавзи дида пур аз об дидам.

Аз ин раҳ меравӣ хандон, Ситора,
Намоӣ бар мани ошиқ назора.
Нигаҳ хубу чӣ созам бевафоӣ,
Зи бемеҳрӣ дилам шуд пора-пора.

## МУНДАРИҶА

Шукрона ........................................................ 5
Мададгор ........................................................ 6
Шаҳри ман........................................................ 7
Ишқи Ватан ........................................................ 8
Надорам ........................................................ 9
Ватан ........................................................ 10
Тоҷикистонам ........................................................ 11
Шаҳри Кӯлоб ........................................................ 12
Падар........................................................ 14
Модари ман ........................................................ 16
Модар........................................................ 17
Модарам ........................................................ 18
Ёрони боҳиммат........................................................ 19
Соли нав........................................................ 21
Наврӯз ........................................................ 22
Хаёли ишқ ........................................................ 24
Фахри замон ........................................................ 25
Насиҳати падар ........................................................ 26
Азоби дил ........................................................ 28
Суроғ........................................................ 29
Тасалло ........................................................ 30
Роҳи вафо........................................................ 32
Бевафо........................................................ 33
Сарфарозӣ........................................................ 34
Дилбари танноз........................................................ 35
Гулбаҳор ........................................................ 36

Лафзи модарӣ ........................................37
Чевари баҳор........................................38
Ёре буд маро ........................................39
Ғазал ........................................40
Кист?........................................41
Бадният........................................42
Манманӣ........................................43
Ватан........................................44
Сулҳ ........................................46
Тоҷикистонро гулистон мекунам ........................................47
Толиби сулҳ ........................................48
Назми оламгир........................................49
Ҳеҷ кас бе айб нест ........................................51
Суруди пахтачин ........................................52
Боғбони бохирад ........................................53
Суруди ман ........................................54
Соҳиби кошонаам ........................................55
Кишвари маҳбуб........................................56
Мулки дурахшон........................................57
Корвони ишқ........................................58
Се рубоӣ ........................................59
Дубайтиҳо ........................................60

**Китоб бо тамғаи нашриёти «Адиб» чоп шудааст.**

**ОДИНА НУРИДДИН**

**ҲАРФИ ДИЛ**

*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 11.10.2016 супурда шуд.
Чопаш 14.10.2016 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 4. Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 200 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи «Нашри Мубориз» чоп шудааст.